**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати рисолаи Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Туҳфаи Шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. -Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)**

Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар ба омӯзиши сарчашмаҳои мувассақи таърихӣ, ки дорои аҳамияти калони илмӣ доранд диққати махсус дода мешавад. Аз ин рӯ ба назари мо интихоби мавзӯи «Туҳфаи Шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» аз ҷониби унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар дорои аҳамияти калони илмӣ буда ва он хонандаро ба баъзе ҳодисоту воқеоти дар замони хонадони манғитиён дар аморати Бухоро рухдодаро, ки то ба имрӯз дастраси ҳамагон набуданд, ошно месозад. Маҳз ҳамин ҷанбаи ин рисола дорои аҳамияти калони илмист.

Лозим ба ёдоварист, ки ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар муқаддимаи рисола аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзӯи мазкурро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашида, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии онро борикбинона нишон диҳад. Рисола аз се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (175-номгӯй) иборат аст.

Бояд гуфт, ки муаллиф бо такя ба маълумотҳои пурарзиши асари “Туҳфаи шоҳӣ” –и Мирзо Абдулазими Сомӣ авзои сиёсию иҷтимоии тамоми манотиқи Осиёи Миёнаро дар охирҳои ҳукмронии амир Ҳайдар, ҳукумати кӯтоҳмуддати Ҳусайнхон ва Умархон ва низ ибтидои ҳукумати Насруллоҳ бо диди илмӣ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Қобили зикр аст, ки навоварии рисолаи Абдулзода Зиёдулло Назар аз он иборат аст, ки он дар илми таърихнигории ватании замони соҳибистиқлолии кишвар нахустин таҳқиқот роҷеъ ба ин мавзӯъ мебошад, ки дар он паҳлуҳои мавзӯи мавриди таҳқиқ ҳамаҷниба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Бояд хотирнишон сохт, ки ҳадафи асосии рисолаи мазкур омӯзиши зиндагиномаи муаллиф ва асари ӯ “Туҳфаи шоҳӣ” мебошад, ки муалиф ба пуррагӣ аз иҷрои он баромадааст.

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки муаллиф зимни таҳқиқи рисолаи мазкур бо истифода аз усулҳои диалектикии илмӣ, таърихию фарҳангӣ ва амсоли инҳо онро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Боби аввали рисола “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва сохтори он” номида шуда ва он аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми он, ки ба “Замони зиндагӣ, аҳвол ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ” бахшида шудааст муаллиф ба ин нукта ишора фармудааст, ки замони зиндагии Мирзо Абдулазими Сомӣ дар аморати Бухоро ба давраи ҳукмронии се намояндаи хонадони Манғития – амир Насруллоҳ (1827-1860), амир Музаффар (1860-1885) ва амир Абдулаҳад (1885-1910) рост меояд. Дар зербоби дуюми боби якум - “Мазмун ва мундариҷаи

«Туҳфаи шоҳӣ» муаллиф роҷеъ ба нусхаи хаттии мавҷуд дар Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки таҳти № 786 нигаҳдорӣ карда мешавад ва он аз 133 оғоз ёфта, ба рақами 156 итмом меёбад онро маври хеле хуб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми рисола "Инъикоси вазъи сиёсӣ ва идории Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII-нимаи аввали асри XIX дар "Туҳфаи шоҳӣ" унвон дошта, муаллиф дар он авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳрро дар замони ҳукмронии Аштархониён ва сипас манғитиёнро бо такя ба маълумотҳои «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Дар зербоби якум - "Бозтоби таърихи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII дар «Туҳфаи шоҳӣ» номида шуда, дар он муаллиф авзоъи сиёсии Мовароуннаҳрро дар замони салтанати Аштархониёну манғитиёнро бо истифода аз равишҳои санҷидашудаи таърихӣ хеле хуб мавриди омӯзиш қарор додааст

Зербоби дуюми боби дуюм - "Инъикоси таърихи сиёсии Мовароуннаҳри нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ» номида шудааст, дар он муаллиф бо такя ба маълумотҳои ин сарчашма авзои сиёсии аморати Бухороро дар замони ҳукмронии охирин намояндаи сулолаи Аштархониҳо Абулфайзхон, ба тобеъияти Эрон даромадани хонигарии Бухоро ва дар ниҳояти кор ба сари қудрат омадани сулолаи манғитиҳоро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби сеюми рисола "Зикри лашкаркашиҳои амирони манғит ва истилои баъзе қаламрави аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшоҳии Рус дар Туҳфаи шоҳӣ» ном дошта, аз ду зербоби алоҳида иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм - "Инъикоси лашкаркашии амирони манғит ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя дар охири асри XVIII-нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ" таърихи лашкаркашиҳои амирони манғит ба мисли амир Шоҳмурод, Ҳайдар ва Насруллоҳ ба хориҷ аз қаламрави аморати Бухоро дар асоси ин сарчашма мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Зербоби дуюми боби сеюм - "Амир Музаффар ва воруди қуввaҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳии Рус ба сарзамини Осиёи Миёна аз нигоҳи Мирзо Абдулазими Сомӣ" унвон гирифтааст. Дар он муаллиф сабабҳои асосии муташанниҷ гардидани авзои сиёсиро дар замони ҳукмронии амир Музаффар хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ӯ ба ин нукта дуруст ишора намудааст, ки аз сабабҳои асосии ин вазъияти фалокатбор барои аморат агар аз як тараф забти Шаҳрисабзу Китоб аз ҷониби қабилаи кенегесҳо буд, аз ҷониби дигар ҳуҷуми лашкари рус ба қаламрави аморат ва исёни писари калонии амир Абдумаликтӯра низ буд.

Дар рисола хеле дуруст зикр гардидааст, ки муаллифи "Туҳфаи шоҳӣ", ки худ шоҳиди бевоситаи ҳаводиси ба тахт нишастану аз тахт рафтани амир Музаффар, аз даст рафтани мулк ва сарзаминҳои Осиёи Миёна

мебошад, аз ин рӯ маълумотҳои дар асари ӯ овардашуда дорои аҳамияти калони илмӣ мебошанд.

Дар хулоса, натиҷаҳои умумии тадқиқот ҷамъбаст ва пешниҳодоти муаллиф барои инъикоси масъалаҳои сиёсӣ ва муносибати хориҷии аморати Бухоро дар “Тухфаи шоҳи”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ дар ҳамбастагӣ бо зиндагинома ва осори илмию адабии муаллиф маҳсуб мeёбад, оварда шудаанд.

Бояд гуфт, ки асари “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, ки бори нахуст аз диди сарчашмашиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда ва муаллиф муқаррар намудааст, ки манбаи дасти аввал мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар оянда ҳангоми омӯзиши таърихи асрҳои XVIII – XIX-и Мовароуннаҳру Хуросон инчунин дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ ва ҳамчун мавод барои энсиклопедияҳо ва китобҳое, ки дар он чеҳраҳои мондагори илми таърихнигорӣ муаррифӣ мешаванд, истифода намуд.

Ҳамин тавр, рисолаи Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Туҳфаи Шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ», ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. -Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳои таърих, профессор:** **Ҳомидзода Ф.М.**

Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии
ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,
профессор Ҳомидзода Ф.М.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Х.
30.08.2023с

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .